**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи “Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.02. - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 11 саҳ).**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илмӣ, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи “Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.02. - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, № 15/шд қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия:** Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти илмӣ аз он иборат аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси давлати воқеан демократии ҳуқуқбунёд, ки ба эътирофи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд риояи принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ асос ёфтааст, бо барпо намудани заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ва низоми пешрафтаи қонунгузорӣ, ҳамчун арзиши демократӣ давлат вобастагӣ дорад.

Аз ин лиҳоз фаъолияти қонунгузорӣ ҳамчун самти муҳимтарини фаъолияти парлумон ба ҳисоб рафта дар самти рушди арзишҳои демократии ҷомеа ва давлат нақши муҳим дорад. Аз аввали солҳои 90 – уми асри гузашта то ба имруз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз панҷсад қонунҳо қабул карда шуданд, ки онҳо масъалаҳои ҳаётан муҳими давлатию ҷамъиятиро танзим мекунанд.

Вале ҳанӯз хам масъалаҳое, мавҷуданд, ки танзими ҳуқуқи дар раванди фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ро тақозо менамоянд.

Ин омил бетаъхир ба роҳ мондани кори самарабахшу мутобиқшудаи мақомоти қонунгузориро, ба вуҷуд оварда механизм ва шаклҳои демократии раванди қабули қонунро талаб мекунад. Қонуни хубу босифат бояд ба ниёзҳои иҷтимоии ҷомеа ҷавобгу бошад ва натиҷаи ризоияти тамоми қувваҳое, бошад, ки ба манфиатҳои онҳо таъсир мерасонад. Илова бар ин қонун бояд аз ҳама ҷиҳат ба Конститутсия мутобиқ бошад ва инчунин бо риояи меъёрҳои техникаи қонунгузорӣ қабул шуда бошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Диссертатсия дар доираи талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 муайян карда шудаанд, омода карда шудааст. Рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти пурраи назариявӣ ва амалӣ доир ба фаъолияти қонунгузории Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад. Таҳқиқоти мазкур ба талаботи замона мутобиқ буда, таҳқиқоти мустақили илмӣ-соҳавӣ мебошад.

Пешниҳод, тавсия ва хулосаҳои илмии рисола, дар рушди илм ва амалияи фаъолияти Парлумони кишвар, ҳамзамон ба такмили раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ мусоидат мекунад. Диссертатсия бо услуби хоси илмӣ таҳлил гардида пайдарҳамии мантиқӣ ва тарзи дурусти фикрронӣ ва баёни андешаҳо риоя шуда, дорои ягонагии дохилӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Суханони иброзшуда саҳми шахсии унвонҷуйро дар таҳқиқот меафзояд:

Дар рисола андеша, пешниҳод ва мавқеи муаллиф дар масъалагузорӣ, баҳри мукаммалгардонии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳалҳои мушкилиҳои мавҷуда, хулосаҳои дақиқ ва тавсияҳои илман асоснок зоҳир гаштааст.

Дар боби аввал масъалаҳои умумӣ роҷеъ ба мафҳуми раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми умумии ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ, ки дар бештари ҳолатҳо байни онҳо фарқе гузошта намешавад таҳқиқот анҷом ёфтааст. Оиди тафовут ва алоқаманд будани ин мафҳумҳо, давраҳои онҳо, субъектон ва ё иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ ва раванди қонунгузорӣ гуфта шудааст.

Ҳамзамон субъектони ба амалбарорандаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки аз тарафи шахсони масъул, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, субъектони таҳиякунандаи лоиҳаи қонунҳо, ки ҳар вақт метавонад тағйир ёбад аз тарафи муаллиф таҳлил шуда ба онҳо эътибори ҷиддӣ дода шудааст.

Дар ин асно муаллиф муайян намудааст, ки мафҳуми “ҳуқуқэҷодкунӣ” васеъ буда, аз тарафи бештари мақомоти давлатӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба амал баровarda мешавад. Аз қабили, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ.

Аз ҷумла халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ба амал мебароранд. Ҳамзамон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ба амал мебарорад. Аммо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти номбурда ва Президенти ҶТ дар шаклҳои гуногун ба тавсиб мерасанд. Ва инро наметавон раванди қонунгузорӣ номид, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқгашта илман асоснок карда дар рисола инъикоси худро ёфтааст ва муаллиф дар вазифаҳои таҳқиқот банди дуюм ба ҳимоя пешниҳод намудааст. (саҳ.14).

Дар боби мазкур ҳамчунин муаллиф алоқаманд будани ҳар як давраи раванди қонунгузориро ибрози назар кардааст. Муаллиф ба чанд давра тасниф шудани чараёни қонун қабулкуниро, ки нуқтаи назари олимон, мутахассисон аз ҳамдигар фарқ мекунанд муфассал таҳлил намудааст. Дар ин ҷода мавҷуд будани принсипҳои раванди қонунгузорӣ низ аз аҳамият холӣ нест. Илова бар ин муаллиф принсипҳои раванди қонунгузориро ба тафсил баён намуда бо принсипҳои дигар мафҳумҳои ҳуқуқӣ қиёс намудааст.

Боби дуюм ба масъалаи муҳимми мавзуи таҳқиқшаванда субъектҳо ва механизми амалишавии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, намудҳо мавриди таҳлил қарор гирифта хеле хуб мулоҳизаронӣ кардааст. Дар ин боб муаллиф назар ва андешаҳои мавҷудаи олимони ҳуқуқи конститутсионӣ оиди субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро, хеле хуб таҳлил намудааст. Мутобиқи моддаи 58 ва 82 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистон Бадахшон ба ҳисоб меравaнд.

Дар рисолаи илмӣ Яқубова С.Н. доир ба баъзе нуқтаҳо, алалхусус на он қадар фаъол будани баъзе аз ин субъектонро иброз намудааст. Масалан, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон доир ба амали гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ на он қадар фаъол ҳастанд. Ва пешниҳод намудааст, ки дар оянда мебояд хеле фаъол бошанд доир ба ин ваколати конститутсионӣ.

Муаллиф дар ин боб ба яке аз масъалаи диққатҷалбкунанда аҳамияти ҷиддӣ додааст. Ин роҷеъ ба ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф роҷеъ ба ин

масъала назарияҳо ва андешаҳои ҷолиби як гуруҳ олимон ва ҳамчунин андешаи худро иброз намудааст, ки бояд Президент ҳамчун – ҳомии Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ..... ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта бошад. Ва ин дар таҷрибаи гузаштаи на чандон дури кишварамон хеле натиҷаҳои самараноки худро исбот кард. Чунончӣ дар баъзе аз кишварҳо Сардори давлат – Президент чунин салоҳиятро надорад ва ба воситаи Ҳукумат ва дигар субъектон ин фаъолиятро амалӣ мегардонад. Ҳамзамон таҳлили масъалаи назариявӣ ва амалиро дар сатҳи рисолаи докторӣ дар илмӣ ҳуқуқии ватанӣ яке аз нахустин кушишҳо ба ҳисоб меравад ва метавонад баҳри таҳлилҳои оянда дар ин самт роҳ кушояд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти андешаҳои боло гуфтан мумкин аст, ки омузиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ муҳим ва мубрам маҳсуб мебошад. Дар рисолаи илмӣ аз тарафи унвонҷу ба тариқи муқоисавӣ муқаррар намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба аъзоёни Маҷлиси миллӣ низ саривақтӣ ҳисобида шудааст. Дар баъзе аз кишварҳои хориҷӣ наздик аъзоёни палатаи болоии парлумон чунин ваколатро надоранд. Муаллиф доир ба ин масоил хулосаи илмии худро асоснок намудааст.

Дар боби сеюм яке аз давраҳои муҳим ва аҳамияти муҳим маҳсуб ёфтан ин қабули Қонунҳо мебошад, ки маҳсули раванди қолнунгузории парлумон ҳисобида шуда боиси таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд шудааст, ки Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар шакли Қонуни конститутсионӣ, кодекс ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул менамоянд. Диссертант Якубова С.Н. фарқияти қабули ин намуди қонунҳоро низ батафсил таҳлил намудааст.

Диссертант Якубова С.Н. ба яке аз масъалаҳои муҳим аҳамияти ҷиддӣ додааст. У ҷанбаҳои илмии тафсири Конститутсияро илман матраҳ намудааст. Ҳамзамон муаллифи рисола доир ба тафсири Конститутсия якчанд андешаҳои илман асоснокро пешниҳод менамояд. Ҷанбаҳои муҳими тафсири Конститутсия дар он ифода ёфтааст, ки Маҷлиси Олӣ меъёрҳои дар Конститутсия муқарррашударо ба тариқи расмӣ тафсир медиҳад. Муаллиф дар боби чоруми рисола оиди банақшагирии фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ, ки мутобиқи барномаҳои дурнамои давлатӣ, Консепсияҳо, стратегияҳо ба роҳ монда мешавад таҳқиқотро анҷом додааст. Лоиҳаи қонунҳо боиси экспертизаҳои ҳатмӣ қарор дода мешаванд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар замони муосир намудҳои гуногуни экспертиза мавҷуд буда, дар рисола хеле хуб онҳоро боиси таҳлили илмӣ қарор додааст. Аммо у ҳамзамон қайд менамояд, ки зарурат нест, нисбати лоиҳаи қонунҳо тамоми экспертизаҳои мавҷуд буда татбиқ карда шавад. Танҳо нисбати он лоиҳаи қонунҳое, ки ба намудҳои гуногуни экспертиза зарурат доранд. Лоиҳаи қонунҳо метавонанд боиси экспертизаҳои илмӣ, мустақил, оммавӣ, байналмилалӣ қарор дода шавад. Муаллифи рисола Яқубова С.Н. зарурати гузаронидани экспертизаҳои лоиҳаи қонунҳоро дар он мебинад, ки экспертиза имкон медиҳад, ки норасоии лоиҳаи қонун бартараф карда шуда ба Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқат намояд.

Яке аз давраҳои охирини раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ ин ба имзорасонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни аз ҷониби парлумон қабул шуда мебошад, ки ин яке аз нуктаҳои асосии ин равандро ифода менамояд. Ба имзорасии қонун аз ҷониби Президент маънои онро дорад, ки ҷараёни ин мурофиа ба итмом расида фаъолияти пурсамараи мақомоти намояндагӣ ва қонунгузорӣ кишвар натиҷаи самарабахшро ифода мекунад. Муаллиф қайд менамояд, ки қабули як қонун кори саҳл нест. Дар ин мавқеъ на танҳо мардуми шарифи тоҷик бесаброна қабул ва интишори қонунро интизоранд, балки аъзоёни парлумон низ имзо ва интишори қонунро бесаброна интизорӣ мекашанд. Чунки ин маҳсули фаъолияти чандинвақтаи парлумон мебошад.

Муаллиф дар ин ҷода на танҳо робитаи Президент бо парлумонро баррасӣ намуда робитаи байни Парлумон ва Ҳукуматро бо чунин тарз дақиққорона ифода намудааст: 1) Иҷроиши қонунҳои ҶТ аз тарафи Ҳукумати ҶТ ба амал бароварда мешавад. 2.) Парлумон иҷроиши қонуни ҶТ "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" - ро назорат бурда, ҳамчунин ҳисоботи Ҳукумат роҷеъ ба ин қонунро мешунавад.

Муаллиф ҷиҳати дигари рисоларо низ мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст. Дар замони ҳозира якчанд тарзҳои интишори расмии қонунҳо ба таври замонавӣ мавҷуд мебошад ва мардум метавонанд аз он бе ягон душворӣ огаҳӣ пайдо намоянд.

1) ба тариқи нашр намудан дар маҷаллаҳои давлатӣ, дар газетаи "Ҷумҳурият" ва "Садои мардум", ки ин бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор мешавад. Ҳамчунин аз тарафи Маҷлиси Олии ҶТ, Вазорати адлияи ҶТ дар ахбор ва маҷаллаҳо интишор мешавад.

2) ба воситаи телевидения, радио ва интернет низ мардум аз қабули қонунҳои ҶТ огаҳӣ пайдо мекунанд, боиси таҳлилӣ имлӣ гаштааст.

Ҳамзамон мавсуф қайд менамояд, ки яке аз ҷанбаҳои муҳим ва асосии қонун дар дигар нукта ҳалли худро меёбад. Ба қувваи амал

даромадани қонун аҳамияти хеле калон дорад. Ва ин нукта дар худи санади меъёрии ҳуқуқӣ - Қонун муқаррар карда шудааст.

Дар фарҷоми гуфтаҳои боло чунин меҳисобем, ки нуктаҳои илмӣ ва таҳлилҳои ба миён омада аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, барои ҳалли мушкилиҳои ба миён омадаи раванди қонунгузории парлумони муосири кишварамон мусоидат менамояд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд:**

Бояд тазаккур дод, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ҳамаҷониба аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ, вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳум, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлилӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар самти амалигардонии раванди қонунгузории мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва дурнамои банақшагирии такмили қонунҳои кишвар, асос меёбанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Якубова С.Н. аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Маводҳои истифодабурда дар рисолаи мазкур фаҳмишҳои илмиро роҷеъ ба раванди қонунгузорӣ, давраҳои асосии раванди қонунгузорӣ, бахри таҳия ва такмили раванди қонунгузории парлумони кишвар, банақшагирии минбаъда оиди таҳияи қонунҳоро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки назарияҳо, тарз ва шаклҳои мавҷуд будаи таҳия ва қабули қонунҳо муайян карда шуда, фаъолияти пурсамари парлумон ва муайянкунандаи низоми қонунгузории миллӣ асос ёфта амиқ карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола иброз карда шудаанд, метавон дар қабули қонунҳои босифат, банақшагирии барномаи дурнамои фаъолияти қонунгузорӣ, консепсияҳои дурнамо доир ба ҳуқуқэҷодкунӣ саҳмгузор бошанд. Ҳамзамон, натичаҳои рисоларо метавон дар фанҳои таълимии "Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Ҳуқуки конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ, "Ҳуқуқи конститутсионии давлатҳои иттиҳоди давлатҳои мустақил", курси махсуси "Ҳуқуқи парлумонӣ ", "Техникаи қонунгузорӣ" ва ғ., ҳамчунин дар навиштани рисолаи дипломӣ, кори курсӣ, баромад дар конфронсҳо истифода бурд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** иборат аст, аз рисолаи мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ бо забони давлатӣ оид ба раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Навовариҳои таҳқиқоти мазкур аз ҷанбаҳои зерин иборат аст:

- оғози раванди қонунгузорӣ амали гаштани ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи субъектони муқаррарнамудаи Конститутсия;
- қабул ва баррасии қонунҳо дар асоси банақшагирии қонунгузорӣ;
- қабули қонунҳо бо расмиёти муқарранамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- мавҷуд будани давраҳои мушаххаси раванди қонунгузорӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии таҳқиқоти дисертатсионӣ ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқотӣ диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда шудаанд.

**Нашри натиҷаи диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Аз ҷониби диссертант оид ба мазмун ва моҳияти рисола 2 монография, зиёда ва 50 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла зиёда аз 20 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва зиёда аз 10 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, ки натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ дар маводи нашргашта инъикос гардидааст.

Дар маводҳои интишоршуда натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикос ёфтаанд. Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи интихобкардаи диссертатсионӣ интишор шудаанд мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос намудаанд.

Таълифот ва маводи нашрнамудаи Яқубова С.Н. аз он шаҳодат медиҳад, ки рисола дар сатҳи баланди илмӣ, касбӣ, мустақилона ва самаранок ба анҷом расонида шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти чандинсолаи илмӣ ва омузгории муаллиф ва таҳлилҳои суратгирифта суханони иброзшударо боз ҳам асоснок месозанд.

Нуқтаҳои асосӣ, таклифу пешниҳод, натиҷа ва хулосаи рисола дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқушиносии ДМТ, муҳокима шуда хуш пазируфта шудааст.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мутобиқ будани ба расмият даровардани диссертатсия.**

Сохтори рисола, ба расмиятдарорӣ, мазмуни он ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ба талаботи ба рисолаҳои докторӣ пешниҳодшаванда ҷавобгу мебошад. Рисолаи мазкур аз феҳристи

ихтисорот, муқаддима, панҷ боб, 11 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Рисола аз 400 саҳифа иборат аст.

Дар баробари мувафаққиятҳои худ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз баъзе эродҳо холӣ нест, ки метавон онҳоро ба таври зайл нишон дод:

1. Дар банди якуми тавсияҳои пешниҳодшуда муаллиф зарурати қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»- ро пешниҳод намудааст. Ҳол он, ки қабули қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як қатор меъёрҳои Конститутсия, қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 19 апрели соли 2000 (бо тағйироту иловаҳои минбаъда), Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар шудааст. Барои ҳамин муаллиф ҳангоми ҳимояи диссертатсия зарурати қабули ин қонунро асоснок намояд.

2. Дар рисола ба масъалаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муаллиф аҳамияти хоса додааст. Чунки субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ яке иштирокчиёни раванди қонунгузории парлумон ба ҳисоб меравад. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба салоҳияти онҳо марбут буда ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шавад. Ин масъала хеле баҳснок мебошад. Дар вакти ҳимояи диссертатсия муаллиф онро асоснок намояд.

3. Муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳлили мавзуъ ба тартиби қабули Кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди фаъолияти қонунгузории Парлумон таваҷҷуҳи зарури зоҳир накарда масъалаи фарқияти онро аз қабули қонунҳо батафсил таҳлил накардааст. Ҳол он ки то имруз аз ҷониби Парлумони кишвар зиёда аз 25 Кодексҳо оид ба масъалаҳои гуногун қабул карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикршуда баҳснок буда, арзиши илмии рисолаи Яқубова С.Н.- ро коҳиш намедиҳанд. Баръакс эродҳои иброзгашта аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот ба масъалаҳои мубрами Маҷлиси Олии ҶТ, ба раванди қонунгузорӣ, ки яке аз фаъолияти асосии мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор ба ҳисоб меравад бахшида шудааст.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса.**

Дар маҷмуъ диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз лиҳози шакл (мубрам будан, ном, нақшаи мавуъ, тавсияҳо, пешниҳодҳои илмиву назариявӣ, барасмиятдарорӣ, истифодаи сарчашмаҳо) ва ҳам аз лиҳози мазмун (нуктаҳои илмӣ, мазмуни боб ва

зербобҳо) ба ҳам мувофиқат намуда, ба услуби илмӣ ва пайдарҳамии мантиқӣ омода шудааст.

Муаллиф андеша, назар ва ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, амалияи кишварҳои хориҷӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои хориҷиро таҳлил намуда, барои пешрафт ва такмили раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу пешниҳодҳои арзишманд пешкаш намудааст.

Дар маҷмуъ рисолаи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи "Масъалаҳои мубрам ва раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ" ба унвони таҳқиқоти комил ба бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу аст. Муаллифи рисола Яқубова Сабоҳат Нарзуллевна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи Байнидалатии таҳсилоти олии (Славянии) Россия ва Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Эльназаров Д.Х.**

**Имзои Эльназаров Д.Х. – ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи Байнидалатии таҳсилоти олии (Славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Раҳимов А.А.**

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ * МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ «РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ» УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

**Суроғаи муқарриз:**
**734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М: Турсунзода, 30**
**Тел.: (992) 37 221-35-50, 227-86-48**
**E-mail: rtsu-1996@mail.ru; p.rektora@mail.ru**
13.05.2024